آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

18 марти соли 2026
Чоршанбе
№ 22
(15241)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МАРКАЗИ БУЗУРГИ МАЪРИФАТ, КИ ТАЪРИХИ ПУРИФТИХОРИ БЕШ АЗ СЕҲАЗОРСОЛАИ МОРО БО ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ МЕПАЙВАНДАД ВА ҚАДРИ ИНСОНУ ХАЛҚРО БАЛАНД МЕБАРДОРАД

***Президент Шавкат Мирзиёев 19 сентябри соли 2017 зимни суханронии худ дар сессияи 72-юми Маҷмаи умумии СММ дар бораи бунёди Маркази тамаддуни исломӣ дар Тошканд таваққуф намуда, махсус таъкид карда буд, ки дини муқаддаси мо инсонҳоро ба некиву сулҳ, ҳифзи фазилатҳои умдаи инсонӣ ва роҳи илму маърифат даъват мекунад ва бо онҳое, ки онро бо зӯроварӣ ва хунрезӣ баробар мегузоранд, созиш кардан ғайриимкон аст.***



Ин марказ, ки бар пояи чунин ғоя ва ҳадафҳои бузург бунёд шудааст, барои омӯзиши амиқ ва таблиғи васеи таърихи сеҳазорсола, иқтидори созандагӣ, саҳми бузурги халқи мо дар тамаддуни ҷаҳонӣ ва мероси фарҳангиву маърифатии ниёи бузургамон хидмат мекунад.

Маркази тамаддуни исломӣ дар Ўзбекистон аз лиҳози бузургӣ, масоҳат ва фарогирӣ яке аз маҷмааҳои калонтарин дар ҷаҳон ба шумор меравад, ки ба омӯзиш ва тарғиби таърих, фарҳанг ва тамаддуни исломӣ нигаронида шудааст.

Он дар масоҳати 10 гектар майдони ҳудуди маҷмааи машҳури Ҳазрати Имоми Тошканд бунёд гардидааст. Бино аз се ошёна иборат буда, дарозии он 161 метр ва паҳнояш 118 метрро ташкил мекунад. Баландии гунбаз 65 метр ва масоҳати умумии истифодашаванда 50 ҳазор метри мураббаъ мебошад. Ин нишондиҳандаҳои нодир барои ворид шудан ба «Китоби рекордҳои Гиннес» низ асос мегарданд.

Бинои марказ бар асоси ғоя ва пешниҳодҳои меъмории Президент Шавкат Мирзиёев тарҳрезӣ шудааст.

Роҳбари давлат дар раванди сохтмон чанд бор ба маҷмаа ташриф оварда, барои аз лиҳози мазмун ва шакл боз ҳам мукаммал гардидани он тавсия ва маслиҳатҳои арзишманд додааст. Бахусус, танҳо дар соли 2025 Президент чанд маротиба ба марказ омада, оид ба такмил додани экспозитсияҳо, инфрасохтор ва самтҳои илмиву маърифатӣ дастурҳои муҳимро ба миён гузоштааст.

Марказ дар асоси анъанаҳои меъмории қадимӣ ва миллӣ сохта шуда, ба он аз чор ҷониб – тавассути чор даромадгоҳи асосӣ даромадан мумкин аст. Ин даромадгоҳҳо ва пешайвонҳои берунии бино бо оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои дорои мазмуни илму маърифат, таҳаммулпазирӣ, инсондӯстӣ ва эҳтиром ба падару модар оро дода шудаанд.

Дар ошёнаи поёнӣ платформаи махсус барои кӯдакон, лабораторияи барқарорсозӣ ва нусхабардории электронӣ, фонди нигоҳдории экспонатҳои осорхона ва дастнависҳои нодир, кафетерияи муосир ва долонҳои музей ҷойгир шудаанд.

Дар ошёнаи якум осорхона бо толори намоишӣ, ки қариб 8350 метри мураббаъ масоҳат дорад, инчунин толори анҷуманҳо барои 550 нафар ҷойгир аст. Дар ошёнаи дуюм китобхона бо фонди дастнависҳо, манбаъҳои чопи сангӣ, адабиёти чопӣ ва электронӣ, толорҳои мутолиа, инчунин, барои ташкилотҳои байналмилалӣ ва муассисаҳои илмӣ шароит фароҳам оварда шудааст.

17 март Президент Шавкат Мирзиёев бори дигар ба ин маҷмааи бузурги дорои аҳамияти маънавию маърифатӣ ташриф оварда, бо шароити фароҳамшуда, экспозитсияҳои ғанӣ ва ташаббусҳои нав шинос шуд.

Нахуст роҳбари давлат ба толори Қуръони карим даромада, муҳити маънавӣ ва экспозитсияҳои нодири ин масканро аз назар гузаронд. Ин толор, ба ибораи дигар, дили маънавии Маркази тамаддуни Исломи Ўзбекистон ба ҳисоб меравад.

Зери гунбаз голограммаи махсуси равшаннамо сохта шудааст, ки дар он аввал манзараи кайҳон ва сипас ситораҳои осмон ҷило медиҳанд. Ҷолиб он аст, ки композитсияи ситораҳои зери гунбаз бар асоси харитаи ситораҳое, ки шабона дар осмони Тошканд ба чашм мерасанд, омода гардидааст. Барои ифода намудани онҳо аз 90 дона санги «сваровскӣ» ва беш аз 650 чароғ истифода шудааст, ки ин ба толор шаҳомати хос мебахшад.

Дар ин ҷо баробари Мусҳафи Усмон, 114 дастнависи нодири Қуръон, ки ба кишвари мо мансубанд ва нигоштаи даврaҳои сулолаҳои гуногун мебошанд, гирдоварӣ шудаанд. Дар байни онҳо нусхаҳои нодири замони Сомониён, Қарохониён, Ғазнавиён, Темуриён, Шайбониён ва дигар даврaҳо мавҷуданд. Ин дастнависҳо ҳамчун намунаҳои олии санъати китобати Шарқ, на танҳо аҳамияти динӣ, балки арзиши бузурги таърихӣ, илмӣ ва бадеӣ низ доранд. Дар пештахтаҳои замонавии толор дастнависҳои аслӣ, ки дар байни мардум нигоҳдорӣ шуда, ба фонди марказ тақдим гардидаанд, низ ҷойи муносиб доранд.

Тавре таъкид гардид, аз замони гузоштани санги асос то соли 2025 шумораи манбаъҳои қадимии фонди марказ аз 2 ҳазор афзуд, теъдоди нусхаҳои нодири Қуръон аз 60-то зиёд шудааст. Ҳамаи онҳо аз мардум ҷамъоварӣ ва тавассути музоядаҳои байналмилалӣ харидорӣ шудаанд. Корҳое, ки дар ин самт амалӣ гардиданд, равиши амиқро дар роҳи эҳёи мероси миллӣ ва динӣ, ба Ватан баргардонидани манбаъҳои бебаҳо, ки пароканда нигоҳдорӣ мешуданд, ба муомилаи илмӣ ворид намудан ва барои наслҳои оянда ҳифз кардани онҳо, равшан нишон медиҳанд.

Ба Президент ҳамчунин дар бораи баъзе дастнависҳои дорои арзиши вижа, ки дар экспозитсия ҷой гирифтаанд, маълумот дода шуд. Дастнависи Қуръони «Бозубанд», ки соли 1589 аз ҷониби хаттот Султон Муҳаммад дар шакли ҳашткунҷа нусхабардорӣ шуда, инчунин ҳамчун тумор истифода шудааст, нусхаи хеле нафис ва ороёфтаи мансуб ба асри XVII, ки марҳилаи камолоти санъати хаттотӣ ва китобати даврaи Сафавиёнро инъикос мекунад, дастнависи нодире, ки соли 1872 аз ҷониби хаттот Муҳаммад ибн Абд ал-Ҳодӣ бо хати мағрибӣ нусхабардорӣ шудааст, инчунин нусхаи ноёбе, ки дар байни асрҳои XII–XIII дар даврaи салҷуқиён аз ҷониби хаттот Муҳаммад Содиқ ибн Муҳаммад Шафӣ бо хати насх китобат шуда, байни сатрҳо тарҷумаи форсӣ низ дода шудааст, аз ин ҷумлаанд. Гуфта шуд, ки дар баъзе дастнависҳо анъанаҳои мактабҳои китобати Самарқанд, Ҳирот ва Бухоро бараъло таҷассум ёфтаанд.

Сипас, ба Президент корҳои ташкили хидматрасонии босифат ба меҳмононе, ки аз осорхона боздид менамоянд, муаррифӣ карда шуд.

**(Давомаш дар саҳ.3).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ КУШОИШИ МАРКАЗИ ТАМАДДУНИ ИСЛОМӢ ДАР ЎЗБЕКИСТОН

Ҳамватанони азиз!

Меҳмонони муҳтарам!

Бори дигар шумо, ҳамаи онҳоро, ки дар маросими имрӯза аз студияҳои минтақавӣ иштирок мекунанд, собиқадорони муҳтарам, олимон ва уламо, вакилони васеъи ҷамъият, тамоми халқамонро бо моҳи муқаддаси Рамазон аз таҳти дил табрик менамоям. Шукри Парвардигор, ки ин рӯзҳои дурахшонро дар фазои сулҳу субот истиқбол менамоем!

Дар моҳи Рамазон, ки рамзи некӣ ва шафқат мебошад, мо ҳама бо ҳам ба бисёр корҳои нек даст мезанем.

Ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, Агентии миллии ҳимояи иҷтимоӣ, Ассотсиатсияи маҳаллаҳо, фонди хайрияи ҷамоатии «Вақф»-и Идораи мусулмонон, марказҳои «Инсон» дар маҳалҳо, соҳибкорон ба солхӯрдагон ва эҳтиёҷмандон, ногироён, оилаҳои камтаъмин дастгирии маънавӣ ва моддӣ мерасонанд.

Дастаҳои тиббӣ ба ноҳияҳои дурдаст ва душворгузар рафта занон, кӯдакон, собиқадоронро муоина намуда, беморони вазнинро ҷарроҳӣ мекунанд.

Дар чунин рӯзҳои наҷиб баргузор намудани маросимҳои ифтор низ ба анъанаи нек табдил меёбад. Ҳамаи ин бешубҳа, ба баланд бардоштани арзиши инсон, дар ҷамъият мустаҳкам гардидани фазои сулҳу ваҳдати умумимиллӣ хидмат менамояд. Иштироки намояндагони миллат ва конфессияҳои мухталифи маскуни мамлакатамон дар ифтори имрӯза аз ин гувоҳӣ медиҳад.

Дар шароити хеле нигаронкунандаи имрӯза мо боз амиқ дарк менамоем, ки сулҳ то чӣ андоза арзиши воқеан бузург ва нодир мебошад ва боигарии аз ҳама бузургамон он аст, ки аҳолии беш аз 38 миллионнафараи мамлакатамон чун оилаи дӯст ва ягона зиндагӣ мекунад.

Дар чорабиниамон инчунин намояндагони ҳайатҳои дипломатӣ дар Ўзбекистон ширкат доранд. Мо инро чун зуҳури эҳтиром ба арзишҳои динамон, инсонпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, ба сиёсати шаффофи давлатамон истиқбол менамоем ва барои онҳо таманноҳои худро изҳор мекунем.

Ҳамватанони муҳтарам!

Дар ин рӯзи Рамазони муқаддас мо иштирокдори маросими кушоиши расмии маҷмааи нодир – Маркази тамаддуни исломӣ дар Ўзбекистон мегардем, ки ба воситаи зарфияти бузурги зеҳнӣ ва меҳнати шуҷоатноки халқамон ба вуҷуд оварда шудааст.

Ҳамаи шуморо самимона, аз таҳти дил бо ин рӯйдоди таърихӣ табрик менамоям, ки дар он орзу ва ормонҳои наслҳои зиёди ниёгонамон амалӣ гардида ва ҳамзамон он ба ҷашни илм, маънавият ва маърифат табдил ёфтааст.

Сохтмони чунин маҷмааи нотакрор ва боҳашамат, ки таҷассуми равшани таърихи пуршарафи сеҳазорсолаамон ва маданияти боямон, имконоти бузурги Ўзбекистони Нав мебошад, барои тамоми мардуми мо муборак бошад.

Дӯстони муҳтарам!

Барои дар мамлакат ба вуҷуд овардани пойгоҳи давлати рушдёфта, ҷамъияти озод мо чун мақсади асосӣ рушди илм ва таълимро муайян намудаем. Чунки дини муқаддасамон маҳз ба ҳамин ҳидоят менамояд.

Аз ин боис, дар Тоқи Улуғбек дар Маркази тамаддуни исломӣ мо ояти «Иқра»-ро аз Қуръон сабт намудаем! Воқеан, дар ин паёми илоҳӣ моҳияти дини ислом таҷассум ёфтааст.

Тавре шумо медонед, нуҳ сол қабл аз ин мо дар бораи сохтмони маҷмааи мазкур қарори махсус қабул намудем ва ба кори амалӣ шурӯъ кардем. Ташаббуси некамон, ки дар сессияи 72-юми Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид эълон гардид, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳон, хусусан олами Ислом дастгирӣ ёфт.

Мо ба татбиқи чунин лоиҳаи боҳашамат ҷиддан омодагӣ гирифтем, ҳар як ҷузъиёташро андешидем, пажӯҳишҳои илмии ҳаматарафа бурдем.

Ва ҳоло, тавре мебинед, дар шафати маҷмӯи Ҳазрати Имом, ки аз қадим маркази маънавии Тошканд ба шумор меравад, мисле ки шаҳри шарқона бо ҳусни нотакрори меъморӣ, лабрез аз рӯҳи миллӣ ба вуҷуд омад.

Дар Марказ дар фазои ягонаи ирфонӣ ҳамзамон аз дурдонаҳои таърихи қадим ва тамаддуни Ўзбекистон дидан намуда, ба зарфияти зеҳнӣ ва мадании халқи Ўзбекистон бовар ҳосил мегардад.

**Дар ин ҷо ҳар як кас, хусусан ҷавонон, арзишҳои ҳақиқии дини Исломро дарк намуда метавонад, мефаҳмад, ки меросдорони кадом мероси бузург ба шумор меравем.**

Иштирокдорони муҳтарами маросим!

Сарзамини қадимаи мо, ки дар чорроҳаи тамаддун ва маданиятҳои гуногун ҷой гирифтааст, аз даври бостон дар инкишофи Роҳи бузурги абрешим нақши муҳим доштааст. Дар замони тоисломӣ низ он чун маркази илм ва маърифат машҳур буд.

Бо паҳн гардидани Ислом дар сарзамини қадимаи Туркистон мактабҳои калони ҳадис ва калом, ҳуқуқи ислом, тасаввуф ташаккул ёфта, даҳҳо мутафаккирони бузург асарҳои нодири худро таълиф намуданд. Асарҳои олимон бо ихтироъҳои худ дар соҳаҳои илмҳои дақиқ ва табиӣ боиси тааҷҷуб мегардиданд. Аҷиб аст, ки ин китобҳои беназир, ки имрӯз ба тамоми ҷаҳон маълум мебошанд, бо суханони муқаддаси «Бисмиллоҳ раҳмонир раҳим» оғоз меёфтанд ва аз он гувоҳӣ медоданд, ки муаллифони онҳо аз муҳтавои дини муқаддасамон нерӯ ва илҳом мегирифтанд.

Бо мақсади ҳарчи амиқтар омӯхтан ва оммавӣ гардондани онҳо дар тамоми ҷаҳон, қарор гардид, ки ин сармояи маънавии на танҳо мамлакатамон, балки арзиши маънавии тамоми минтақаамон зери унвони умумии «Тамаддуни исломӣ» муаррифӣ гардад.

Албатта дар замони мураккаби имрӯза ба вуҷуд овардани чунин маҷмааи бузург, ки ҷавобгӯйи баландтарин талаботи замонавӣ бошад, мураккаб буд. Ҳамзамон, дар як вақт бо сохтмони Марказ мо корҳои тадқиқотии илмӣ анҷом додем ва дар давраи гузашта бисёр осори нодири мероси қадимаамонро бозёфт намудем, ки қаблан номаълум буданд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ДАР ҶОЙЕ, КИ ТАЪРИХ БА ЗАБОН МЕОЯД, АЗ ТАЪРИХ САБАҚ МЕГИРАНД, АЛБАТТА ДОНИШ ВА МАЪРИФАТ, ПЕШРАФТ ВА АДОЛАТ ПОЙДОР МЕГАРДАД

**Президент Шавкат Мирзиёев дар чорабинии кушодашавии расмии Маркази тамаддуни исломи Ўзбекистон ва маросими ифтор иштирок кард.**

Ба маросим тавассути студияҳои минтақаҳо пиронсолон, олиму уламоҳо, намояндагони ҷамъиятӣ пайваст гардиданд. Инчунин, намояндагони миллатҳо ва конфессияҳои гуногуни динӣ, корпуси дипломатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ширкат намуданд.

Дар оғози чорабинӣ роҳбари давлат тамоми мардуми кишварро бори дигар бо моҳи муборaки Рамазон аз таҳти дил табрик намуд. Барои ба чунин рӯзҳои айёми бузург дар фазои сулҳу оромӣ ва сиҳату солим расидан ба даргоҳи Худованд шукргузорӣ карда шуд.

Моҳи Рамазон рамзи меҳру шафқат, некӣ ва амалҳои савоб аст. Имрӯзҳо аз ҷониби ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, Агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ, Иттиҳоди маҳаллаҳо, Фонди хайрияи ҷамоатии «Вақф»-и Идораи мусулмонон, марказҳои хидматҳои иҷтимоии «Инсон»-и минтақаҳо, инчунин соҳибкорони саховатманд ба пиронсолону маъюбон, оилаҳои камбизоат ва ниёзмандон кумаки моддӣ ва маънавӣ расонида мешавад. Шӯъбаҳои тиббӣ ба минтақаҳои дурдаст сафарбар шуда, занон, кӯдакон ва пиронсолонро аз муоинаи тиббӣ мегузаронанд ва корҳои табобати беморони вазнин бо роҳи амалиёти ҷарроҳӣ анҷом дода мешаванд.

Гуфта шуд, ки чунин корҳои хайр барои арҷгузории қадри инсон ва таҳкими сулҳу ваҳдати умумимиллӣ дар ҷомеа хидмат мекунанд.

Роҳбари давлат таъкид намуд, ки дар шароити имрӯзаи пуртаҳдид, бояд боз ҳам амиқтар дарк кард, ки сулҳ неъмати бебаҳо аст ва чун халқи ягона, оилаи муттаҳид зиндагӣ кардани зиёда аз 38 миллион аҳолии кишвар сарвати бузургтарин мебошад. Иштироки намояндагони корпуси дипломатии Ўзбекистон дар маросим, ҳамчун нишонаи эҳтиром ба арзишҳои инсондӯстона ва таҳаммулпазирии дини муқаддаси мо, инчунин сиёсати кушоди кишвар арзёбӣ гардид.

Таъкид шуд, ки ин рӯз барои мардуми кишвар боз як рӯйдоди таърихӣ –маросими ифтитоҳи расмии Маркази тамаддуни исломӣ дар Ўзбекистон баргузор гардид.

– Бо ин рӯзи фаромӯшнопазир, ки орзуву ният, армонҳои ниёи мо амалӣ шуданд, бо ҷашни воқеии илму маърифат ҳамаи шуморо аз таҳти дил табрик менамоям. Ин маҷмааи нодир ва бузург, ки оинаи таърихи пуршарафи сеҳазорсола ва фарҳанги ғании мамлакат, имкониятҳои Ўзбекистони Нав мебошад, ба тамоми мардуми мо муборак бошад! – гуфт Президент.

Тавре зикр гардид, дар мамлакат барои бунёди пойдевори давлати мутараққӣ ва ҷомеаи озод, ҳадафи олӣ – «Пеш аз ҳама, илм ва таълим» амалӣ мегардад. Зеро, дини муқаддаси ислом низ инсонро ҳамеша ба илму маърифат даъват мекунад. Аз ин рӯ, дар пештоқи дарвозаи Улуғбеки Маркази тамаддуни исломӣ ояти муборaки Қуръони карим – «Иқро!» («Бихон!») ҳаккокӣ гардидааст, ки дорои маънои рамзӣ ва амиқ мебошад.

Иқдоми накӯ дар бораи бунёди марказ, ки дар сессияи 72-юми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид эълон гардида буд, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, бахусус ҳамҷамъияти исломӣ, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфт. Лоиҳа на шитобкорона, балки бо омӯзишҳои амиқи илмӣ ва таҳқиқот дар ҳамоҳангӣ амалӣ гардид. Дар натиҷа, дар назди маҷмааи Ҳазрати Имом як шаҳраки шарқиёна бо меъмории нодир, рӯҳи воқеан миллӣ ва симои миллӣ қомат афрохт.

Дар марказ метавон дурдонаҳои таърих ва тамаддуни қадимаи Ўзбекистонро дар фазои ягонаи маърифатӣ тамошо намуда, дар ин замина, иқтидори зеҳнӣ ва фарҳангии халқро боз ҳам амиқтар дарк кунем.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ КУШОИШИ МАРКАЗИ ТАМАДДУНИ ИСЛОМӢ ДАР ЎЗБЕКИСТОН

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Бинобар эътирофи экспертҳои байналхалқӣ, мо дар Ўзбекистон мактаби хоси омўзиши илмӣ ва оммавигардонии мероси тамаддуни исломиро тавонистем ба вуҷуд оварем. Ба ҷаҳон намоиш додем, ки мо чӣ гуна молики имконоти бузург ва зарфияти зеҳнӣ ҳастем. Ва воқеан бо ин ифтихор дорем.

Маҷмааи нодир дар масоҳати қариб 10 гектар ҷойгир буда, майдони умумии мавриди истифодаи бино 50 ҳазор метри мураббаъро ташкил менамояд.

Дар ин ҷо толорҳои намоишгоҳии «Давраи тоисломӣ дар сарзамини Ўзбекистон», «Эҳёи Якум ва Дуюм», «Ўзбекистони Нав – пойдевори Эҳёи Сеюм» ташкил гаштааст. Дар бораи ҳар яке аз ин самтҳо бешубҳа бисёр гап задан мумкин аст.

Дар бобати ташаккул ва ғанӣ гардондани экспозитсияи музей корҳои зиёд анҷом дода шудааст. Танҳо соли гузашта он бо 1,5 ҳазор экспонат, аз ҷумла бо 800 дастхати қадима, бозёфтҳои археологӣ ва харитаҳои таърихӣ ғанӣ гардонда шудааст.

Инчунин бо утоқҳои музоядаи хориҷӣ, коллексионерҳои калон ва артдилерҳо ҳамкорӣ барқарор гардида, ба мамлакат 743 дона нусхаи аслии экспонат оварда шуд. Қаблан чунин кори пурвусъат ба амал наомадааст.

Бояд таъкид кард, ки ҳар яке аз ин экспонат рамзи гузаштаи бузургамон, маданият ва худшиносии миллиамон мебошад. Онҳо аз зеҳни баланд, меҳнати офарандагӣ, истеъдоди нодир ва маҳорати халқамон, ки бо истодагарӣ тамоми озмоишҳои замонро пушти сар менамояд, гувоҳӣ медиҳанд.

**Дар ҷое, ки таърих сухан мегўяд, дар ҷое, ки аз он сабақ мебардоранд, албатта дониш, маориф ва шукуфоӣ ба вуҷуд меояд ва ҳар касе, ки дар асоси он роҳи худро интихоб менамояд, ҳеҷ гоҳ гумроҳ намегардад!**

Макони асосии кашиши Марказ, гуфтан мумкин аст, ки қалби он, бешубҳа толори Қуръони муқаддас ба шумор меравад. Яке аз 6 қадимтарин Қуръони ҷаҳон – Қуръони Усмон дар ин ҷо ҷои муносиби фахрии худро ишғол намуд. Дар толор инчунин дастхатҳои нодири Қуръон, ки мутааллиқ ба давраҳои гуногун мебошанд, ҷамъоварӣ гардидаанд.

Дар ин рўзи дурахшон мо аз Парвардигор хоҳиш менамоем, ки шарофате, ки аз онҳо мехезанд, ба мустаҳкам намудани сулҳ ва субот, таъмини фароҳмандӣ дар мамлакат мусоидат намоянд.

Дўстони азиз!

Маркази тамаддуни исломӣ танҳо соли 2025 ҳазорон меҳмонони хориҷиро қабул намуд ва ин нишон медиҳад, ки дар тамоми ҷаҳон ба он таваҷҷуҳ зиёд мебошад.

Бояд таъкид кард, ки дар байни онҳо роҳбарони давлатҳо, парламент ва ҳукуматҳо, депутатҳо, сенаторон ва лордҳо, вазирон ва сафирон, олимон ва арбобони ҷамъиятӣ, роҳбарони ташкилотҳои динӣ буданд.

Дар кори лоиҳакашӣ, сохтмони Марказ ва муҷаҳҳазсозии он бо технологияи иттилоотии замонавӣ, инчунин мутахассисони баландмалака аз Фаронса, Чин, Британияи Кабир, ИМА, Аморати Муттаҳидаи Араб, Русия, Туркия, Олмон, Испания, Италиё, Малайзия, Озарбойҷон, Арабистони Саудӣ, Ҳиндустон, мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва чандин кишварҳои дигар фаъолона иштирок намуданд.

Ба лоиҳакашони моҳир, бинокорон ва муҳандисон, муҳаққиқон ва уламо, шарикон ва экспертҳои хориҷӣ, аз ҷумла, Ҷамъияти ҷаҳонӣ оид ба омўзиш, нигоҳдорӣ ва оммависозии мероси мадании Ўзбекистон, ба ҳамаи онҳое, ки дар сохтмони маҷмаа саҳми муносиб гузоштанд, миннатдории самимӣ изҳор менамоям.

Ба соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ, арбобони маданият ва варзиш, ки дар сохтмони чунин иншооти муҳташам мадади ҳомигӣ расондаанд, алоҳида изҳори миннатдорӣ мекунам. Аз ҷумла, аз ҳамватани муҳтарамамон, сарпараст ва тоҷири маъруф Алишер Бурҳонович Усмонов барои дар қатори аввалинҳо зоҳир намудани ташаббус ва вогузор намудани маблағ, ғоя ва экспонатҳои нодири таърихӣ самимона сипосгузорам.

Халқамон ҳиммат ва саховати самимиро баланд қадр менамояд. Мо ҳеҷ гоҳ саҳми шуморо дар чунин кори бузург фаромўш нахоҳем кард. Ба шумо раҳмати калон!

Ҳамватанони муҳтарам!

Ман ҳамеша орзу доштам, ки саҳифаҳои номаълуми дастхат ва ё экспонатҳое, ки марбути таърихамон бошанд, дар кадом гўшаи ҷаҳон набошанд, онҳоро пайдо намуда, ба Ватан баргардонам. Ба сохтмони Маркази тамаддуни исломӣ шурўъ намуда, ман маҳз чунин вазифаро гузоштам.

Ҳоло, шукри Парвардигор, мо тавонистем онро ба амал татбиқ намоем. Ва мо албатта ин корро идома медиҳем.

Барои пайдо намудан ва омўхтани дастнависҳои нодир, ки дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон мебошанд, экспедитсияҳои байналхалқии нави илмиро ташкил менамоем. Барои ин маблағ ва имконоти ногузирро пайдо мекунем. Ба ин кор олимони ватанӣ ва хориҷӣ, марказҳои пешқадами илмии ҷаҳонро ҷалб менамоем.

Бо мақсади ташкили фаъолияти байналхалқии Марказ мо барои дар ин ҷо кушодани идораҳои чунин ташкилотҳо, мисли АЙСЕСКО, ИРСИКА, Маркази омўзиши исломии Оксфорд, Ассотсиатсияи омўзиши таърих ва санъати замони Темуриён дар Фаронса, ТУРКСОЙ ташаббус зоҳир намудем. Акнун мо тамоми шароити ногузирро барои пурзўр намудани ҳамкорӣ бо онҳо фароҳам меорем.

Дар Марказ инчунин Идораи мусулмонони Ўзбекистон қароргоҳи нави худро соҳиб гардид, ки дар бобати нигоҳдории арзишҳои дини муқаддасамон, рушди соҳаи маънавияту маърифат саҳми муносиб мегузорад.

Фикр мекунам, ки дар ин макони маърифат ташкил намудани кор оид ба омўзиши амиқи мероси исломӣ, такмили малакаи арбобони дин, имом-хатибон, рушди ҳамкории байналхалқӣ мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Дарояндаи наздик дар қароргоҳи СММ мо инчунин тақдимоти Маркази тамаддуни исломӣ дар Ўзбекистон, марказҳои байналхалқии илмиву тадқиқотии Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Имом Мотуридиро баргузор менамоем. Хулоса, ин Марказ барои фаъолияти маънавиву маърифатиамон пойгоҳи аслӣ мегардад. Маҳз дар ин ҷо таҳсили донишҷўёни солҳои болои Академияи байналхалқии исломии Ўзбекистон ба амал меояд, устодон дар ин ҷо дониш ва малакаи худро такмил медиҳанд. Марказ барои ҷавонон пойгоҳи мустаҳками маънавӣ бояд гардад, ба зуҳур гардидани Хоразмӣ, Берунӣ ва Улуғбекҳо, Фарғонӣ ва Ибни Сино, Бухорӣ ва Тирмизиҳо мусоидат намояд. Барои он ки Марказ ин рисолати таърихиро иҷро намояд, мехоҳам ба намояндагони соҳаҳои илм ва маънавият – олимон ва муҳаққиқони муҳтарам, шоирон ва нависандагон, арбобони дин ва уламо, коргардон ва рассомон, журналистон, ҷавонони эҷодкор муроҷиат намоям.

Шумо бештар аз ҳама мефаҳмед, ки то чӣ андоза ҳар як экспонат дар Маркази тамаддуни исломӣ беназир аст. Дар бобати оммавигардонӣ, муаррифии онҳо ба халқамон, ҷомеаи ҷаҳон мо пеш аз ҳама ба шумо такя менамоем. Бигузор тадқиқотҳои илмӣ, асарҳои адабиёти бадеӣ, санъати кино ва театр, расм ва барномаҳоямон, ки аз ин мероси нодир илҳом мебаранд, дар тамоми ҷаҳон чун садои таърих ва маданияти сеҳазорсолаи халқамон танинандоз гардад. Бигзор онҳо Ўзбекистони Навро чун мамлакати сулҳдўст ва некхоҳ, дониш ва мориф шарафманд гардонда, ба тарбияи ҷавононамон хидмат намоянд!

Муҳтарам иштирокдорони маросим!

Дар замони худ Мир Алишер Навоӣ орзуи онро дошт, ки нури хирад ва донише, ки Мирзо Улуғбеки бузург афрўхтааст, хомўш нагардад.

Ва имрўз азми мо бо суханони ҷовидонаи шоир ва мутафаккир ҳамоҳанг аст.

Бигузор Маркази тамаддуни исломӣ ҳамеша барои сулҳ, фароҳмандӣ ва тараққиёт дар мамлакат ва тамоми ҷаҳон хидмат намояд!

Бигзор халқи мо хушбахт бошад, ки ў эҷодкори чунин комёбиҳои бузург мебошад!

Парвардигор Ватани зебои моро дар паноҳаш нигоҳ дорад!

# ДАР ҶОЙЕ, КИ ТАЪРИХ БА ЗАБОН МЕОЯД, АЗ ТАЪРИХ САБАҚ МЕГИРАНД, АЛБАТТА ДОНИШ ВА МАЪРИФАТ, ПЕШРАФТ ВА АДОЛАТ ПОЙДОР МЕГАРДАД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

– Ҳар шахсе, ки аз ин макон боздид мекунад, халқи мо, бахусус, ҷавонон, моҳияти инсондўстонаи дини исломро идрок намуда, соҳиби чӣ гуна мероси бузург будани худро эҳсос менамояд ва дилаш саршори ғуруру ифтихор мегардад, – гуфт Президент.

Гуфта шуд, ки бо мақсади омўзиши амиқ ва тарғиби ин сарвати бебаҳо дар сатҳи ҷаҳон, ки моликияти маънавии на танҳо кишвари мо, балки тамоми минтақа аст, тасмим гирифта шуд, ки онро таҳти унвони Тамаддуни исломӣ муттаҳид созанд. Таъкид гардид, ки тавре коршиносони байналмилалӣ эътироф намудаанд, имрўз дар Ўзбекистон ҷиҳати омўзиш ва тарғиби мероси тамаддуни исломӣ мактаби бузурги илмӣ ташаккул меёбад ва мамлакати мо тавонист, ки иқтидори бузурги зеҳнии худро ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд.

Президент дар бораи иқтидор ва имкониятҳои марказ таваққуф намуда, таъкид кард, ки ин маҷмааи нодир дар ҳудуди қариб 10 гектар ҷойгир буда, масоҳати умумии истифодашавандаи он 50 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад. Дар ин ҷо толорҳои намоишӣ, чун «Давраи тоисломӣ дар сарзамини Ўзбекистон», «Эҳёи якум ва дуюм» ва «Ўзбекистони Нав – пойдевори Эҳёи сеюм» мавҷуданд.

Барои ташаккул ва ғанӣ гардонидани экспозитсияҳои осорхона корҳои назаррас анҷом дода шуданд. Танҳо дар соли гузашта онҳо бо зиёда аз 1,5 ҳазор экспонат, аз ҷумла тақрибан 800 дастнависи қадимӣ, бозёфтҳои бостоншиносӣ ва харитаҳои таърихӣ пурра гардиданд. Таъкид гардид, ки ҳамкорӣ бо хонаҳои музоядаи хориҷӣ, коллексионерони калон ва арт-дилерҳо ба роҳ монда шуда, ба кишвар 743 экспонати аслӣ оварда шудааст.

Дар толори асосии марказ – толори Қуръони карим, яке аз 6 нусхаи қадимтарини Қуръон дар ҷаҳон – Мусҳафи Усмон ҷойи шоиста ва фахрӣ ишғол намудааст. Ҳамчунин дар ин ҷо дастнависҳои нодири Қуръон, ки ба давраҳои гуногун мансубанд, ҷамъоварӣ шудаанд.

Тавре зикр гардид, Маркази тамаддуни исломӣ аллакай дар соли 2025 таваҷҷуҳи зиёди ҳазорон меҳмонони хориҷиро ба худ ҷалб кардааст. Дар байни онҳо сарони давлатҳо, парламентҳо ва ҳукуматҳо, депутатҳо, сенаторон, вазирон, сафирон, олимон ва арбобони ҷамъиятӣ, роҳбарони созмонҳои динӣ буданд. Дар корҳои тарҳрезӣ, сохтмони Марказ ва муҷаҳҳаз гардондани он бо технологияҳои муосири иттилоотӣ инчунин мутахассисони баландихтисос аз Фаронса, Чин, Британияи Кабир, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Аморати Муттаҳидаи Араб, Русия, Туркия, Олмон, Испания, Италия, Малайзия, Озарбойҷон, Арабистони Саудӣ, Ҳиндустон, кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дигар давлатҳо фаъолона иштирок намуданд.

Сарвари давлати мо ба лоиҳакашон, сохтмончиён ва муҳандисони моҳир, олимон ва уламои дин, шарикони хориҷӣ ва коршиносон, аз ҷумла аъзои Ҷамъияти умумиҷаҳонии омўзиш, ҳифз ва таблиғи мероси фарҳангии Ўзбекистон, инчунин ба ҳамаи шахсони фидокоре, ки дар бунёди ин маҷмааи бузург саҳми арзанда гузоштаанд, изҳори сипоси самимӣ намуд. Ҳамчунин ба соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ, арбобони фарҳанг ва варзиш, ки дар сохтмони ин иншооти азим кумаки сарпарастӣ расонидаанд, миннатдории махсус баён кард.

– Ҳангоми оғоз намудани сохтмони Маркази тамаддуни исломӣ ман дар назди худ ҳадаф гузошта будам, ки ҳар гуна дастнавис ё экспонатеро, ки ба таърихи мо дахл дорад, новобаста аз он ки дар куҷои ҷаҳон қарор дорад, пайдо намуда, ба кишвари худ биёрам. Имрўз, шукри Худованд, ба мо муяссар гардид, ки ин ҳадафро амалӣ намоем. Ва мо ҳатман ин корро идома хоҳем дод, – гуфт сарвари давлат.

Қайд гардид, ки барои ошкор ва омўзиши дастнависҳои нодир, ки дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон нигоҳ дошта мешаванд, экспедитсияҳои нави байналмилалии илмӣ ташкил карда мешаванд. Ба ин самт олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин марказҳои пешрафтаи илмии ҷаҳон ҷалб хоҳанд гардид.

Таъкид гардид, ки бо мақсади густариши миқёси фаъолияти Марказ, дар он дар асоси ҳамкории байналмилалӣ намояндагиҳои чунин созмонҳо, ба мисли АЙСЕСКО, ИРСИКА, Маркази омўзиши исломии Оксфорд, Ассотсиатсияи омўзиши таърих ва санъати давраи Темуриён дар Фаронса, ТУРКСОЙ ташкил карда шудаанд. Пешбинӣ шудааст, ки барои таҳкими ҳамкорӣ бо онҳо тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Қайд гардид, ки дар Марказ ҳамчунин Идораи мусалмонони Ўзбекистон низ қароргоҳи нави худро пайдо кардааст. Зарурати ба роҳ мондани фаъолияти густурда барои омўзиши амиқи мероси исломӣ, баланд бардоштани малакаи ходимони динӣ, имом-хатибон ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ таъкид шуд.

Дарояндаи наздик ба нақша гирифта шудааст, муаррифии Маркази тамаддуни исломӣ дар Ўзбекистон ва марказҳои байналмилалии илмӣ-тадқиқотии Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ ва Имом Мотурудӣ дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид баргузор гардад.

Президент махсус таъкид намуд, ки ин марказ ба пояи устувори фаъолияти маънавию маърифатӣ табдил хоҳад ёфт. Маҳз дар ҳамин ҷо донишҷўёни курсҳои болоии Академияи байналмилалии исломии Ўзбекистон таҳсил хоҳанд кард ва омўзгорон сатҳи дониш ва тахассуси худро баланд мебардоранд. Аз ҳама муҳимаш, марказ бояд ба такягоҳи устувори маънавӣ барои ҷавонон табдил ёфта, ба пайдоиши Хоразмӣ, Берунӣ ва Улуғбекҳои нав, Фарғонӣ ва Ибни Сино, Бухорӣ ва Тирмизӣ мусоидат намояд.

Дар ин робита, сарвари давлат ба олимону муҳаққиқон, шоирону нависандагон, ходимони дин ва уламо, коргардонон ва рассомон, рўзноманигорон ва ҷавонони эҷодкор муроҷиат намуд.

– Бигзор таҳқиқоти илмӣ, асарҳои адабӣ, санъати кино ва театр, расмҳо ва барномаҳои шумо, ки аз ин мероси нодир илҳом гирифта, офарида шудаанд, ҳамчун садои таъриху фарҳанги сесадсолаи миллати мо дар тамоми ҷаҳон танинандоз гарданд. Бигзор онҳо Ўзбекистони навро ҳамчун кишвари сулҳу некӣ, дониш ва маърифат муаррифӣ намуда, ба тарбияи ҷавонони мо хизмат намоянд! – гуфт Президент.

Дар анҷом Президент изҳори боварӣ намуд, ки Маркази тамаддуни исломӣ дар Ўзбекистон ҳамеша ҳамчун платформаи сулҳ, некӣ, дониш ва маърифат боқӣ мемонад ва барои халқи мо ва тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

Дар маросими ифтор оятҳо аз Қуръони карим тиловат гардида, бо ихлосу ниёиш ба даргоҳи Худованди мутаъол дуо карданд, то рўза ва ибодатҳои дар моҳи муборaки Рамазон анҷомдодаро қабул намояд ва Ватани азизу мардуми моро ҳамеша дар паноҳи худ нигоҳ дорад.

**ЎзА.**

# ОБОДИИ КИШВАР АЗ МАҲАЛЛА ОҒОЗ МЕЁБАД!

***Дар саросари кишварамон мувофиқи фармоиши Девони Вазирон 13-14 марти соли равон таҳти шиори «Ободии кишвар пеш аз ҳама, аз маҳалла оғоз меёбад!» ҳашари васеи умумихалқӣ баргузор гардид.***




Дар чорабинӣ наманганиён низ фаъолона иштирок намуданд, маҳалҳои истиқоматӣ, кўчаву хиёбон, зиёратгоҳу қабристон ва майдонҳои бозии кўдакон ба тартиб даровaрда шуд, дарахтонро сафед карда, шоххояшонро буриданд.

Дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» дар атрофи маҳалла ва хонаҳои аҳолӣ ниҳолҳои мевадиҳанда ва ороишӣ шинонда шуд, дар ҷойҳо оид ба шинондани дарахтони зебоманзару ва меванок ва васеъ кардани майдонҳои сабз корҳои амалӣ ба анҷом расид.

Хусусан, дар ноҳияи Поп шинондани ниҳолҳо дар боғи интенсивии 100 гектар бо рўҳияи ҳашар сурат гирифт. Попиён, асосан ҷавонон, дар ин корҳои амалӣ фидокорӣ нишон доданд. Лоиҳа бо ҳамкории Вазорати коҳиши камбизоатӣ ва шуғли аҳолӣ, Агентии ҷумҳуриявии рушди агросаноатӣ амалӣ гардида, 66,6 ҳазор ниҳоли зардолуи навъи «Микадо», ки аз Туркия оварда шуда аст, шинонда шуд.

Ҳоло дар минтақаи боғ корҳои омодасозии замин, ниҳолшинонӣ ва кабудизоркунӣ идома дорад.

Ин лоиҳа на танҳо минтақаро сабзтар мекунад, балки барои бо кор банд кардани аҳолӣ, қадами муҳим барои ҳифзи табиати солим на танҳо барои имрўз, балки барои наслҳои оянда мебошад.

Дар ноҳияи Тўрақўрғон низ корҳои нек – бобати барпо намудани боғҳои интенсивӣ ва ободонии минтақаҳо анҷом дода шуданд. Дар даштҳои васеи ҶММ-и «Шоҳидон нурли диёри» корҳои нек бо суръат идома доранд.

Маҷмааи «Калвак Агрохизмат» 230 гектар замин дорад. 112 гектараш ҳамчун боғ бунёд шудааст. Имсол боз 20 гектар боғи интенсивӣ бунёд карда мешавад. Ғайр аз ин, дар масоҳати 6 гектар замин корҳои лоиҳакашӣ барои хидматрасонии ҳамаҷониба сохтани маркази логистика идома дорад.

Боғбонони ҶММ-и «Шоҳидон боғбон бобо» низ дар 40 гектар замин боғ ташкил карда, ниҳолҳои гуногуни меванок парвариш мекунанд.

Ҳар сол дар фасли баҳор дар ин минтақаҳо боғҳои атрофро оро медиҳанд. Маҳсулоти гуногуни харидоргир, ки аз ниҳолҳои содиротӣ ба даст оварда мешаванд, бозорҳои ҷаҳонро оро медиҳанд.

Тўрақўрғониён на танҳо бо боғбонӣ, балки бо гулпарварӣ низ машҳуранд. Дар ин ҷо бозори дарахтони ороишӣ, мевадиҳанда ва ниҳоли гулҳои гуногун дар маркази диққат аст. Дар бозоре, ки дар шоҳроҳи калони ноҳия ташкил карда шудааст, тоҷирон ҳар сол дар мавсим даромади хуб ба даст меоранд. Аз ҷумла, навъҳои нави гулҳои аз Чин воридшуда, дарахтони ороишӣ, мевадиҳандаи ҷопонӣ ва растаниҳои буттагӣ, ки барои тарроҳии ландшафт истифода мешаванд, фурўхта мешаванд.

– Мо 10 нафарем. Аз охири моҳи январ то нимаи моҳи апрел бо ниҳолҳои дарахтону гулҳои гуногун тиҷорат мекунем ва моҳонаи ҳар яки мо аз 10 миллион сўм мегузарад, – мегўяд сокини маҳаллаи Озод Муҳриддин Ҷўрабоев.

– Кўчаҳои обод, боғҳои сарсабз ба ҳусни кишварамон меафзоянд. Аз тозагӣ дили одам равшан мегардад. Аз ҳама муҳимаш, ин амалҳои нек барои ҷавонон намунаи ибрат аст, – мегўяд сокини маҳаллаи Боғи Ирами ноҳияи Чуст Латофатхола Раҳматуллаева. – Ҳар як ниҳоли имрўз шинонидашуда маънои ҳавои тозаи фардо, ҳосили фаровон ваояндаи шоистаи фарзандонамонро дорад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**
**Суратгир: Н. ҲАЙДАРОВ**
**(ЎзА).**

***Дар доираи «Рўзи ҷавонон» дар Маркази матбуоти миллии пойтахт бо ташаббуси роҳбарияти Иттифоқи журналистони Ўзбекистон мулоқоти кушод баргузор гардид.***

# ДАСТГИРИИ ҶАВОНОН ДАР СОҲАИ ЖУРНАЛИСТИКА

Дар чорабинӣ журналистони ҷавон, блогерҳо ва донишҷўёни факултаи журналистикаи муассисаҳои таълими олӣ иштирок карданд.

Иҷрокунандаи вазифаи раиси Иттифоқи журналистони Ўзбекистон Шўҳрат Орифов таъкид кард, ки дастгирии ҷавонон дар мамлакати мо, татбиқи иқтидор ва баланд бардоштани фаъолияти онҳо дар ҳаёти ҷомеа яке аз афзалиятҳои муҳими сиёсати давлатӣ мебошад. Аз ҷумла, дар доираи сиёсати ҷавонон, ки аз ҷониби роҳбари давлат амалӣ мегардад, имкониятҳои васеъ барои гирифтани маълумот, рушди эҷодӣ ва касбии ҷавонон фароҳам оварда шудаанд.

Зикр гашт, ки мақсад аз ташкили чунин мулоқот дастгирии журналистони ҷавон, пешниҳоди маълумот дар бораи имкониятҳои рушди касбии онҳо ва масъалаҳои мубрами соҳаи воситаҳои ахбори оммавӣ мебошад.

Дар ҷараёни мулоқот ҷавонон ба роҳбарияти иттифоқ бо масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ муроҷиат намуда, оиди лоиҳаҳои ояндадор дар соҳаи журналистика, ташаббусҳои эҷодӣ ва масъалаҳои ҳамкорӣ мубодилаи афкор намуданд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# МАРКАЗИ БУЗУРГИ МАЪРИФАТ, КИ ТАЪРИХИ ПУРИФТИХОРИ БЕШ АЗ СЕҲАЗОРСОЛАИ МОРО БО ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ МЕПАЙВАНДАД ВА ҚАДРИ ИНСОНУ ХАЛҚРО БАЛАНД МЕБАРДОРАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Таъкид гардид, ки марказ дар фурсати кӯтоҳ аз ҷониби ташкилот ва нашриёҳои бонуфузи байналмилалӣ эътироф шудааст. Бахусус, марказ ба ҷоизаи Авитсеннаи Фаронса сазовор гардида, мувофиқи арзёбии нашрияи «Smithsonian Magazine»-и Институти Смитсони ИМА, соли 2026 ҳамчун яке аз 10 осорхонаи ҷаҳон эътироф шудааст, ки бештар ба худ таваҷҷуҳро ҷалб мекунад. Ҳамчунин нашрияи «Conde Nast Traveler» онро ба рӯйхати музейҳое дохил кардааст, ки дар моҳи июни соли 2026 метавон ба он ташриф овард, «BBC Travel» низ онро ба қатори музейҳои деринтизори ҷаҳон ворид намудааст.

Дар марказ барои хидматрасонии мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ба меҳмонон маводи иттилоотӣ, брошюра ва китобҳо омода гардидаанд. Бори аввал дар таҷрибаи музейдории Ўзбекистон бо ҷалби коршиносони байналмилалӣ дар лабораторияи муосири кимиё-физикӣ таркиби кимиёвӣ ва вақти офариниши тамоми ашёи осорхона муайян карда шуда, шиносномаҳои технологии онҳо таҳия гардидаанд.

Бар асоси меъёрҳои байналмилалии ISO экспонатҳо рақамӣ гардонида шуда, дар платформаи ягонаи электронӣ ҷойгир карда шудаанд. Дар асоси талаботи ЮНЕСКО ва ИКОМ, инчунин, таҷрибаи машҳуртарин музейҳои ҷаҳон, эталон ва таснифҳои этикетажи экспонатҳо дар 8 самт таҳия шудаанд. Дар ҳар як экспонат QR-кодҳо ҷойгир карда шудааст, ки меҳмонон метавонанд тавассути телефони мобилӣ ё планшет аввал бо се забон ва баъдан то ҳашт забон бо муҳтавои видеоӣ ва аудиоии онҳо шинос шаванд.

Дар муаррифӣ инчунин ба масъалаи дар асоси консепсияи «Музейи кушод барои ҳама» ба як майдони ҳамгироии иҷтимоӣ табдил додани марказ диққати махсус дода шуд. Дар оянда ба ҳамаи экспонатҳо насб кардани чипҳои электронии махсус, ҷорӣ намудани низоми худкори шунидани маълумот тавассути аудиогид, ки ҳангоми наздик шудани шахсони нобино ба экспонат фаъол мегардад, инчунин фароҳам овардани имконияти ҳаракати мустақилона дар дохили бино бо истифода аз чароғҳои «Bluetooth» ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамчунин, дар асоси таҷрибаи музейҳои Британия, Лувр ва Метрополитан, истифодаи робот-гидҳо, шиносоии видеоӣ ва сабтӣ бо мавод тавассути планшетҳо, аудиогид, радиогид ва гӯшмонакҳои роҳнамо дар назар аст.

Мувофиқи ҳисобҳои ибтидоӣ, интизор меравад, ки ба марказ дар як рӯз ба ҳисоби миёна тақрибан 5 ҳазор нафар ташриф оваранд. Зикр гардид, ки барои фаъолияти пурраи марказ ва осорхона дар асоси стандартҳои байналмилалӣ беш аз 400 корманд лозим аст ва ҳоло беш аз 100 нозир, ки аз омодагии махсус гузаштаанд ва зиёда аз 30 роҳбалад кор мекунанд ва барои сайёҳоне, ки аз 10 давлат ташриф меоранд, матнҳои махсуси роҳбаладӣ таҳия шудаанд.

Баъдан, роҳбари давлат бо шароитҳое, ки дар ошёнаи дуюми бинои марказ барои фаъолияти Идораи мусулмонони Ўзбекистон фароҳам оварда шудаанд, шинос гардид.

Дар идомаи ташриф Президент китобхонаи марказро аз назар гузаронд.

Масоҳати умумии китобхона 3105 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Дар айни замон фонди он зиёда аз 45 150 адабиётро дар бар мегирад, ки аз ин шумора 2 609 ададаш нашрҳои нодир мебошанд. Илова бар ин, дар китобхона 350 ҳазор нашрияҳои электронӣ мавҷуд аст. Он метавонад дар як вақт ба 310 нафар корбар хизмат расонад. Барои олимон ва профессорҳо 4 утоқи алоҳида фароҳам оварда шудааст, ки бо тамоми техникаи муосир ва шароити зарурӣ барои фаъолияти илмӣ муҷаҳҳаз мебошанд.

Яке аз бахшҳои китобхона ба мероси 22 нафар маърифатпарварони ҷадид бахшида шудааст. Дар он аксҳои онҳо ҷойгир буда, дар рафҳои китобҳо адабиёти нодире, ки аз ҷониби онҳо таълиф шудааст ё ба фаъолияти онҳо бахшида шудааст, пешниҳод мегардад.

Ҳамчунин, барои ғанӣ гардондани фонди китобхона бо нашрияҳои нодир оид ба ҳаёт ва эҷодиёти мутафаккирон ва олимони барҷастаи Ўзбекистон, инчунин мактабҳои илмии таъсисдодаи онҳо, як қатор тадбирҳо амалӣ мешаванд. Аз ҷумла, ба фонд нашрҳои аввалини дастнависҳо ва асарҳои литографӣ, инчунин таҳқиқоту шарҳҳои нодире, ки ба омӯзиши мероси илмии онҳо бахшида шудаанд, ворид гардидаанд. Ин раванд тавассути харидории нусхаҳо аз музоядаҳои хориҷӣ, муассисаҳои илмӣ, коллексияҳои хусусӣ ва инчунин пешниҳоди сарчашмаҳо аз ҷониби ҳамватанон ба таври мунтазам идома дорад.

Дар китобхона ҳамчунин нашрияҳои нодири аврупоӣ мавҷуданд, ки дар миёни онҳо асарҳое ба забони лотинӣ оид ба сулолаҳои исломӣ, таърихи халқҳои турк, энсиклопедияҳо дар бораи халқҳои Шарқ, инчунин сафарномаҳо бахшида ба Хуросон ва Мовароуннаҳр, ки то асри XX нашр шудаанд, ҷой доранд. Илова бар ин, фонди китобхона бо сарчашмаҳои нодире, ки аз коллексияҳои хусусӣ ба даст омадаанд, ғанӣ гардидааст. Аз ҷумла, асари «Қиссас-ул-анбиё»-и Носируддини Рабғузӣ, девонҳои Алишер Навоӣ, ки дар аввали асри XIX дар Тошканд нусхабардорӣ шудаанд, инчунин тарҷумаҳои туркии асарҳои Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ дар он нигоҳдорӣ мешаванд.

Инчунин, барои истифодабарандагони имкониятašон маҳдуд шароити махсус фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, барои шахсони дорои нуқсони биноӣ ва нобиноён толорҳои махсус ташкил гардида, барномаҳо, принтерҳо ва дастгоҳҳои махсус насб шудаанд, инчунин зиёда аз ҳазор нашрия бо алифбои Брайл дастрас мебошад. Маҳз дар ҳамин китобхона бори аввал дар Ўзбекистон утоқҳои садоногузар ташкил шудаанд, ки ба корбарон имкон медиҳанд бидуни халал расонидан ба дигарон муоширати онлайн анҷом диҳанд ва ҳамзамон махфияти гуфтугӯ ва маълумоти шахсиро таъмин намоянд. Илова бар ин, дастгоҳи муосири «Sonic chair» барои кор бо манбаъҳои садоӣ на танҳо дар кишвари мо, балки дар тамоми Осиёи Марказӣ бори аввал ҷорӣ гардидааст.

Дар ҳудуди китобхона инчунин минтақаи сабз барои хонандагон, хидматрасонии нусхабардорӣ, утоқҳои махсус барои машғулиятҳои инфиродӣ ва майдони алоҳида барои кӯдакон ташкил карда шудааст.

Сипас, Президент бо фаъолияти платформаи байналмилалии илмӣ-маърифатие, ки назди марказ таъсис дода шудааст, шинос гардид.

Тавре зикр шуд, дар доираи ин платформа ҳамкорӣ бо як қатор созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ҳамкорӣ бо АЙСЕСКО, ИРСИКА, Маркази омӯзиши исломии Оксфорд, Ассотсиатсияи омӯзиши таърих ва санъати давраи Темуриён дар Фаронса, ТУРКСОЙ ва дигар сохторҳои байналмилалӣ барои онҳо утоқҳои корӣ ташкил карда шудаанд. Ин барои ҳамкории муштараки олимони ватанӣ ва намояндагони созмонҳои хориҷӣ, гузаронидани таҳқиқоти муштарак, таҳияи лоиҳаҳо ва татбиқи ташаббусҳои таълимӣ муҳити мусоид фароҳам меорад.

Дар ҷараёни боздид Сарвари давлат бо намоиши ашёҳои арзишманде, ки ба марказ тақдим шудаанд ва ё аз хориҷ харидорӣ гардидаанд, шинос шуд.

Тавре таъкид гардид, мувофиқи дастури Президент, корҳои ба Ўзбекистон баргардонидани арзишҳои фарҳангӣ, ки дар хориҷ қарор доранд, пайваста идома доранд. Соли гузашта дар чунин музоядаҳо дар Британияи Кабир, аз ҷумла «Sotheby's» ва «Christie's», аз арт-дилерҳо ва коллексионерони хусусӣ зиёда аз 700 ашёи нодир харидорӣ карда шуд. Ҳамчунин, беш аз 1000 ашё аз ҷониби муассисаҳо, ташкилотҳо ва сарпарастон ҳамчун ҳадя пешниҳод гардид. Қисми асосии ин экспонатҳо дар осорхонаи ошёнаи якум ҷойгир карда шудаанд.

Дар намоишгоҳ шумораи зиёди ашёҳои нодир, ки ба давраҳои Сомониён, Қарохониён, Ғазнавиён, Темуриён ва дигарон тааллуқ доранд, пешниҳод гардидааст. Аз ҷумла, табақи нуқрагини тиллокорие, ки номи саркардаи сомонӣ Абумансур Сабуктегин сабт шуда, дар охири асри X сохта шудааст, косаи нуқрагин ва сиёҳдони мисии давраи Сомониён, камарбанди занонаи бо санги фирӯза ороододашудаи давраи ҳукмдории Ўзбекхон дар Урдаи Тиллоӣ, инчунин гулдӯзии зарини асри XIX-и ба давраи ҳукмрони усмониҳо мансуб, ки исмҳои «Аллоҳ» ва «Муҳаммад» сабт шудаанд, сазовори таваҷҷуҳи алоҳида мебошанд.

Ба Президент инчунин дар бораи намунаҳои санъати сафолгарии давраи Темуриён, рӯйпӯши абрешимии асри XIX, ки қабри Паёмбарро дар шаҳри Мадина мепӯшонд, намунаи таърихии «ҳизома» (камарбанд дар қисми болоии кисва), ки болои дари Каъба овезон буд, инчунин «модари ҳамаи сузаниҳо», пораҳои Қуръони азим, ки аз ҷониби Умар Ақтоъ дар замони Амир Темур нусхабардорӣ шудааст, унсурҳои сафолии ёдгориҳои меъмории давраи Темуриён, инчунин силоҳ ва зиреҳҳои давраи Бобуриён – кулоҳҳои ҷангӣ, сипарҳо, шамшерҳо ва ҷузъҳои зиреҳ маълумот дода шуд.

Ҳамчунин, дар бораи бозёфтҳои марбут ба ганҷинаи Амударё маълумот дода шуд. Соли 1877 баъзе аз ашёҳои нодири ин ганҷина, ки дар қаламрави аморати Бухоро ёфт шуда, ҳоло дар Осорхонаи Британиё нигоҳдорӣ мешаванд, тавассути хонаҳои савдои Лондон ба Ўзбекистон баргардонида шуданд. Дар байни онҳо – пекторали тиллоӣ бо тасвири савораи суғдии асрҳои VIII–IX ва дастпонаҳои нодири шакли мор, ки вазнашон 666 грамм буда, ба давраи Бохтар тааллуқ доранд, мавҷуданд.

Дар намоишгоҳ ҳамчунин ба ашёҳое, ки ба марказ ҳадя шудаанд, ҷойгоҳи муҳим дода шудааст. Аз ҷумла, иттилоъ дода шуд, ки шарқшиноси муқими ИМА Александр Наймарк дастнависи Паҳлавон Маҳмудро ба марказ ҳадя намудааст. Ин дастнавис аз рӯи мукотибаи шахсии хони Хива Муҳаммад Раҳимхон Фирӯз нусхабардорӣ шуда, дар ҷараёни омӯзиши он зиёда аз 70 рубоии нав бозёфт гардид. Илова бар ин, дар намоишгоҳ тангаҳо, зеварҳо, медалёнҳо ва дигар ашёҳои таърихии давраҳои гуногун, аз ҷумла аз ганҷинаи деҳаи Майский низ пешниҳод шудаанд.

Умуман, дар ҷараёни боздид бори дигар иқтидори бузурги ин марказ равшан гардид: он имкон медиҳад, ки таърих ва мероси фарҳангии кишвари мо амиқ дарк карда шавад, моҳияти ҳақиқии башардӯстона ва маърифатпарваронаи исломро кушода медиҳад ва инчунин мероси бузурги илмӣ ва маънавии аҷдодони моро ба ҷомеаи байналмилалӣ муаррифӣ менамояд.

– Имрӯз мо шоҳиди як рӯйдоди бузург дар роҳи дарки ҳувияти худ гардидем. Шукри Худованд, ки дар тӯли ин нӯҳ сол бо нияти нек, меҳнати содиқона ва талошҳои пайваста мо маҷмааe бунёд кардем, ки ҳақиқатан нишон медиҳад, ки мо кистему халқамон кист ва таърихи мо чӣ гуна аст. Ҳар касе, ки ба ин ҷо меояд, бахусус ҷавонони мо, бояд бидонад ва дарк намояд, ки мо ворисони кадом аҷдодони бузург ҳастем.

Ин лоиҳаи азим танҳо як нақша нест. Онро дил офаридааст, онро муҳаббат, орзу ва ниятҳои қудсӣ ба вуҷуд овардаанд. Ва он толори муқаддасе, ки дар он Қуръон нигоҳ дошта мешавад, низ худ аз худ пайдо нашудааст. Он аз дил, аз орзуи нишон додани ормонҳои халқи мо, азамати он ва қудрати маънавии он сарчашма гирифтааст. Ин лоиҳа самараи ниятҳои некест, ки ба таҷассум бахшидани симои ҳақиқии халқи бузурги мо равона шудааст, – гуфт Президент.

Дар анҷоми боздид Сарвари давлат дар Китоби меҳмонони фахрии Маркази тамаддуни исломӣ дастхат гузошт.

**ЎзА.**

*Моҳи муборак*

## РАМАЗОН БАРОИ ИНСОН МАКТАБИ БУЗУРГИ ПОКӢ ВА ТАРБИЯИ НАФС АСТ

Ҳар шахс дар ин айём имкон дорад, ки ба худ назар афканад, нафси худро назорат кунад, ислоҳ намояд. Ин моҳ ба инсон сабр, қаноат ва худдориро меомӯзад.

Касе, ки ба ин маънӣ мерасад, қаноатро пешаву шиор ва рӯзадориро мояи ифтихор медонад. Зеро рӯза инсонро аз худхоҳӣ дур карда, ба раҳму шафқат ва эҳсоси дарки дарди дигарон раҳнамун месозад. Касе, ки ин роҳи душворро бо ихлос тай мекунад, дар ниҳоят ба покии ботин ва оромии дил расида, фаҳм мекунад, ки неъматҳои зиндагӣ амонати Парвардигоранд.

Моҳи рамазон инсонро аз тангии дил раҳо карда, ба кӯйи мурувват, меҳрубонӣ ва ҷавонмардӣ раҳнамун месозад.

Аз тулӯи субҳи содиқ то ғуруби Офтоб ният кардан, яъне дар дил мақсад кардани рӯзадорӣ барои ризои Худо, нохӯрдан ва ноошомидан, тарки ҷимоъ кардан се рукни асосии саҳеҳ будани рӯза мебошанд.

Суннатҳои рӯза амалҳое мебошанд, ки аз Паёмбар ривоят шудаанд ва иҷрои онҳо савоби зиёд дорад.

Саҳарӣ хӯрдан, яъне пеш аз субҳ ғизо хӯрдан, чун Офтоб ғуруб кунад, ифтор кардан, суннат аст.

Тавре зикр шуд, рӯза танҳо як худдорӣ аз ғизо нест, балки мактаби тарбияи рӯҳ ва ахлоқ мебошад. Ҳар мусалмон бояд кӯшиш кунад, ки рӯзаи худро бо анҷом додани фарзҳо, воҷибҳо, суннатҳо ва мустаҳаббот зебо гардонад. Бо ҳамин тартиб, инсон метавонад аз баракату фазилати ин ибодати бузург баҳраи комил бигирад.

Дар байни шабҳои ин моҳи муборак шабе ҳаст, ки аҳамият ва фазилати он аз ҳамаи шабҳои дигар бештар аст. Ин шаб Шаби қадр ном дорад – шабест, ки дар он нури Қуръони карим ба дили башарият нозил гардид.

Қуръони карим дар бораи ин шаб чунин мефармояд: «Инно анзалнаҳу фӣ лайлатил-қадр» – «Мо онро дар Шаби қадр нозил кардем».

Ва дар ояти дигар омадааст:

«Лайлатул-қадри хайрун мин алфи шаҳр» – «Шаби Қадр беҳтар аз ҳазор моҳ аст».

Ин суханони илоҳӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки арзиш ва фазилати ин шаб аз ҳаштоду се соли ибодат бештар мебошад. Аз ҳамин ҷиҳат мусалмонон шабҳои охири моҳи Рамазонро бо ибодат, дуъо ва тиловати Қуръон сипарӣ мекунанд.

Бешубҳа, яке аз бузургтарин рӯйдодҳои таърихи башар нузули Қуръони карим аст. Ин китоб, ки каломи Парвардигор мебошад, барои ҳидоят ва роҳнамоии инсоният фиристода шудааст.

Бино ба ривоятҳои уламои ислом, Қуръон аввал дар Шаби қадр аз Лавҳи маҳфуз ба Байтул-иззат нозил гардид. Баъдан дар тӯли бисту се сол оятҳои он тадриҷан ба дили Паёмбари ислом ҳазрати Муҳаммад (с.а.в.) нозил шудаанд.

Нахустин ояте, ки нозил гардид, ин буд.

«Иқраъ бисми раббикаллазӣ халақ» – «Бихон ба номи Парвардигорат, ки офарид».

Бо ҳамин каломи муборак давраи нави маърифат ва бедории инсон оғоз ёфт. Қуръон инсониятро ба дониш, адолат, раҳму шафқат ва ахлоқи нек даъват менамояд.

Дар анҷоми моҳи муборакি Рамазон мусулмонон Иди Фитрро таҷлил менамоянд. Ин рӯз рӯзи шукргузорӣ ба даргоҳи Худованд аст, ки ба бандагон тавфиқи адои рӯза ва ибодатҳоро насиб гардонидааст.

Яке аз амалҳои муҳим дар ин рӯз додани садақаи Фитр мебошад. Садақаи Фитр барои пок кардани рӯза аз камбудиҳо ва ёрӣ расондан ба мискинон муқаррар шудааст.

Дар аҳкоми фиқҳӣ микдори садақаи фитр чунин муайян шудааст: ним соъ гандум ё орд, ё як соъ хурмо, ҷав ё мавиз.

Бино ба ҳисобҳои кунунӣ тақрибан ба 2 килограмм гандум ё орд баробар мебошад. Бисёр вақт мардум арзиши ҳамин миқдор ғизоро ба шакли пул медиҳанд.

Садақаи Фитр бар ҳар мусалмоне, ки тавоноӣ дорад, воҷиб мебошад.

Беҳтарин вақт барои додани садақаи Фитр рӯзҳои охири моҳи Рамазон мебошад. Он бояд пеш аз намози Иди Фитр дода шавад, то ниёзмандон низ тавонанд дар рӯзи ид аз неъматҳо баҳра гиранд.

Иди Фитр рӯзи шодӣ ва ҳамдигарбахшӣ мебошад. Дар ин рӯз мусалмонон субҳ барвақт бархоста, ғусл мекунанд, либоси пок мепӯшанд ва ба идгоҳ мераванд. Пеш аз рафтан ба намоз суннат аст, ки каме таом – одатан хурмо – бихӯранд.

Дар рӯзи ид мардум ба ҳамдигар салом дода, табрик мегӯянд ва дили якдигарро шод месозанд. Хусусан, дидорбинии падару модар, хешу табор ва кӯмак ба камбизоатон аз амалҳои нек ба шумор мераванд.

Иди Фитр паёми муҳими инсонӣ дорад: муҳаббат, бахшиш ва ҳамдигарфаҳмӣ.

**Муҳаммадрӯзӣ ҒАНИЗОД,**
**ноҳияи Олтинсойи вилояти Сурхондарё.**

***Ҳар сол бо фаро расидани рӯзҳои гарми баҳорӣ табиат ҷомаи сабз ба бар мекунад, гулҳо мешукуфанд ва қалби инсонҳо аз нишоту хурсандӣ ва орзуву умедҳои тозаву нав лабрез мегардад. Дар чунин як фазои фараҳбахш сокинони деҳаи зебои Эҷи ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ низ Наврӯзро бо меҳру муҳаббат ва рӯҳияи баланди идона истиқбол мегиранд.***

## НАВРӮЗИ ДЕҲАИ МО




Дар арафаи ин ҷашни зебо деҳаамон, гӯё рангу таровати дигаре мегирад, сокинонаш хонаву кӯчаҳоро поку тамиз намуда, барои пешвоз гирифтани баҳор омодагӣ мебинанд. Ҳар як хонадон мекӯшад, ки дасторхони идонааш пурнозу неъматтар бошад. Занон бо меҳру муҳаббат таомҳои гуногуни миллӣ, аз ҷумла палав, мошкичирӣ, мошхӯрда, кудошӣ (таоме, ки аз каду пухта мешавад), кашк (таомест аз ҷуворимакка бо дӯғ), ширак (таоме аз бодоми талх), ширгуринҷ (ширбиринҷ), самбӯсаҳои алафӣ, гуринҷи бадӯғ (таоми биринҷӣ бо дӯғ), тулмоч (угро бо дӯғ), барак (тушбера), нахӯдшӯрбо ва ғайраҳо омода мекунанд. Ҳамчунин бо навъҳои мухталифи пухтаниҳо, пичак (аз исфаноҷ ва ҳулбӯ), самбӯсаҳои танӯрӣ ва дигар нозу неъмат дасторхонро оро медиҳанд.

Яке аз анъанаҳои хуби деҳаамон он аст, ки аз таомҳои пухтаашон ба масҷиди деҳа мебаранд. Дар он ҷо мардум ҷамъ омада, бо ҳам суҳбат мекунанд, аз ҳолу аҳволи якдигар бохабар мешаванд ва аз неъматҳои рӯйи дасторхон баҳра мебаранд. Ин анъана рамзи меҳрубонӣ, ҳамҷиҳатӣ ва ҳамбастагии аҳли деҳ аст, ки идро пурмаънӣ ва гарму самимитар мегардонад.

Наврӯз бештар дар мактаби деҳа бо шукӯҳу шаҳомати хоса баргузор мегардад. Ҳар як синф бо риоя ба суннати «ҳафт син» ва «ҳафт шин» дастурхони идона паҳн мекунад. Дар байни хонандагон озмунҳои сураткашӣ, шеъру таронахонӣ ва мобайни синфҳо мусобиқаҳои гуногун барпо мешаванд. Дар ин сабқатҳои идона синфҳо бо ҳам қувваозмоӣ карда, маҳорати худро нишон медиҳанд.

Бозиҳои шавқовари халқӣ низ қисми ҷудонашавандаи ҷашни Наврӯз мебошанд. Гӯштингирӣ, чӯрғонбозӣ (бо ду чӯб, яке дароз дуюмӣ кӯтоҳ: дар мо акаку дукак низ мегӯянд), ресмонкашӣ, хармур (бозии бачагона, бахусус писарбачаҳо бозӣ мекунанд),чормағзбозӣ, тухмбозӣ, сангчабозӣ (бозии духтарона) ва ғайра фазои идонаро боз ҳам шавқовару хотирмон мегардонанд. Ҳамчунин мусобиқаҳои байтбарак, саволу ҷавобҳои шавқовар ва озмунҳои гуногун баргузор мешаванд ва иштирокдорон дар онҳо донишу истеъдоди худро нишон медиҳанд.

Алқисса, Наврӯзи деҳаи мо танҳо як ҷашн нест, балки тимсоли дӯстӣ, меҳрубонӣ ва ҳамдилии мардум ҳам аст, зеро ба қалби аҳли деҳа гармӣ, умеду орзуҳои тоза эҳдо мекунад.

**Дилноза РАҲМАТОВА.**
*Вилояти НАВОӢ.*

*Дар арафаи Наврӯз ба зодрӯзи яке аз адабиётшиносҳои кишвар, Бобуршиноси номӣ Ҳасан Қудратуллоев 85 сол пур мешавад. Вай чун инсони шариф, дӯст ва рафиқи шафиқ, устоди муаззам низ ба дилу дидаи аҳли зиё роҳ ёфта буд.*

# МУҲАҚҚИҚ, РОҲБАР, МУТАРҶИМ



Ҳасанака баъди хатми факултаи филологии Донишгоҳи давлатии Самарқанд (1965) муддате дар дабистонҳои таълими умумии вилоятҳои Самарқанду Фарғона ба ҳайси омӯзгори забону адабиёти тоҷик, ҳамчунин ба сифати корманди радио ва рӯзноманигор фаъолият намуд. Аз соли 1968 ҳаёти худро ба илм бахшид – қисмат ӯро ба Институти забон ва адабиёти Академияи улуми Ӯзбекистон пайваст. Дар ин даргоҳ ба сифати муҳаққиқ ба омӯзиши нозукиҳои илми адабиётшиносӣ пардохт, чун пажӯҳишгар ташаккул ёфт.

Чанд сол муқаддам дар суҳбате ба ман як забоншиноси ӯзбек гуфт, ману Ҳасанҷон ҳамшаҳрем, донишгоҳро якҷо хатм карда, пасупеш ба Тошканд омадем, дар як даргоҳи илм ба фаъолият шурӯъ сохтем. Вай ба ӯзбекӣ чандон балад набуд, дар забономӯзӣ кӯмак мекардам, муттасил меомӯхт. Дере нагузашта аз сафи пешбарҳо ҷой гирифт, акнун лозим меомад ман аз вай омӯзам...

Ҳасан Қудратуллоев дар нимаи аввали солҳои ҳафтодуми қарни сипаришуда дар Энсиклопедияи миллии ӯзбек ҳамчун муҳаррири илмӣ ва мудири шуъба кор кард. Ҳамкорӣ бо як қатор олимон ва донишмандони соҳа имконият дод тафаккури илмиашро равнақ бахшад. Дар ин миён тавассути саҳифаҳои матбуоти даврӣ марбут ба фаъолияти илмиву адабии якчанд классики адабиёти форсиву туркӣ мақолаҳо эълон намуд. Дар гузоришоти ӯ ҷараёни адабии Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои понздаҳу шонздаҳ, муаммоҳои меъёрии талаботи адабӣ-эстетикии давр амиқ таҳлил карда шуданд. Дар мақолаҳои тадқиқотиаш ҳомигӣ ва сарпарастии Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ ва Заҳириддин Бобур ба аҳли илму санъат аз нуқтаи назари иҷтимоиву таърихӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар фаъолияти минбаъдаи илмӣ-пажӯҳишии мавсуф роҳҳои эҷодии Ғиёсиддин Хондамир, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Камолиддин Беҳзод ва ҳамтоёни онҳо тадқиқу таҳқиқ гардиданд. Вале диққати асосиро ӯ ба омӯзиши ҳарҷонибаи осори мондагору рӯзгори печидаи шоҳ ва саркардаи бузург, шоири мутафаккир Заҳириддин Муҳаммад Бобур нигаронд. Алалхусус монографияҳои калонҳаҷми ӯ «Нуқтаи назари адабӣ-эстетикии Бобур» (1983) ва «Армони Бобур» (2005) аз ҷониби доираҳои илмӣ ва ҷомеаи адабӣ баланд арзёбӣ гардиданд.

Ҳасан Қудратуллоев ду муддат (солҳои 1976-1980, 1983-1986) дар Афғонистон ба ҳайси мутарҷим фаъолият намудааст. Ба шароити мураккаби давр нанигариста, вай дар диёри ҳамсоя ҷустуҷӯҳои илмиро давом медод. Баробари тарҷумонӣ ҳаёти илмиву адабии Афғонистон дар давраҳои гуногунро мавриди тадқиқ қарор медод. Мақолаҳои зиёди илмиву адабиаш дар саҳифоти расонаҳои иттилоотии Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Афғонистон рӯйи нашр медиданд. Вай баробари иштирок дар ҳаёти адабии кишвари ҳамсоя дар анҷуманҳои Академияи фанҳои Афғонистон маърӯзаҳо мехонд.

Ҳасан Қудратуллоев дар луғатшиносии соҳавии диёри ҳамсоя низ саҳм гирифтааст. Бо эҳтимоми ӯ соли 1986 дар Кобул «Луғати ирригатсионии русӣ-дарӣ» аз чоп баромад, ки 11 ҷузъи чопист.

Донишманди маъруфи илми адабиётшиносӣ чун мутарҷими адабӣ низ ном бароварда буд. Вай як қатор мақолаҳои Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Садриддин Айнӣ, ҳамчунин порчаҳо аз осори ҷудогонаи Хондамирро аз тоҷикӣ ба ӯзбекӣ баргардондааст. Тарҷумаи қиссаҳои Фитрат «Баёноти сайёҳи ҳинд» ва «Давраи ҳукмронии Амир Олимхон» аз тоҷикӣ ба ӯзбекӣ низ ба қалами ӯ мутааллиқанд. Тарҷумаҳояш аз нигоҳи савия баҳои баланд гирифтаанд.

Баробари фаъолияти илмиву пажӯҳишӣ Ҳасан Қудратуллоев дар корҳои ташкиливу роҳбарӣ ҳам қобилияти хуб дошт. Вай солҳои 1989-1993 дар Институти ирригатсия ва муҳандисҳои механизатсиясозии кишоварзии Тошканд ба ҳайси мудири кафедра, солҳои 1993-2010 дар Вазорати таълими халқи ҷумҳурӣ мудири шуъба, роҳбари секторҳои аттестатсия, аккредитатсия ва литсензиядиҳӣ, соли 1995 директори Маркази методии таълими ҷумҳурӣ, солҳои 1995-1996 ба сифати сармушовири Девони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон самаранок фаъолият бурд. Дар ислоҳи таълими халқи ҷумҳурӣ, ривоҷу равнақи маданият ва арзишҳои миллиамон ҳиссаи босазо гузошт.

Ӯ, ҳамчунин, солҳое, ки дар Институти давлатии педагогии вилояти Тошканд чун ректор ифои вазифа дошт (1996-2003) дар татбиқи амалии «Барномаи миллии омодасозии кадрҳо», тайёр намудани мутахассисони соҳибмалака ва пешбурди маорифи халқ хидмати шоиста намуд. Баъди сабукдӯшӣ аз ректорӣ ва бозгашт аз Ангрен ба Тошканд, вай фаъолияти самаранокашро дар сохтори таълими халқ идома дод. Солҳои 2003-2010 дар Институти марказии бозомӯзӣ ва такмили малакаи ходимони таълими халқ ба номи Авлонӣ чун проректори корҳои таълимиву илмӣ, баъдтар дар Вазорати таълими халқ ҳамчун роҳбари Маркази матбуот фаъолият кард. То охири умр ба сифати профессори кафедраи ИМБТМХТХ ҷумҳурӣ ба номи Алвонӣ ба шунавандагон дарс дод ва ба пешаи шарифи омӯзгорӣ содиқ монд.

Фарзанди фарзонаи Самарқанди бостон Ҳасан Қудратуллоев яке аз фарзандони сазовори миллат буд. Бо ташаббусу кӯшишҳои ӯ моҳи майи соли 2008 дар Вазорати адлияи ҷумҳурӣ маркази мадании ҷумҳурии тоҷикон номнавис гашт. Дар давраи раисиаш марказ ҷиҳати ҳифз, тавсеъа ва таблиғи сухану забону арзишҳои миллиамон корҳои шоён намуд.

Дар маросими муаррифии Маркази мадании тоҷикони ҷумҳурӣ (ноябри соли 2008) як қатор чеҳраҳои саршиноси фарҳанг, адабиёт ва илми Ӯзбекистон иштирок намуданд. Ин низ далел бар он буд раиси онвақта Ҳасан Қудратуллоев чун донишманди варзида ва ходими ҷамъиятӣ соҳиби чӣ қадар обрӯ ва эътибор аст.

Яке аз муҳаққиқони мумтоз ва таблиғгари адабиёти классикӣ, олим ва мураббӣ, ташкилотчии моҳири таълими халқ, доктори фанҳои филологӣ, профессор, узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон, лауреати Мукофоти байналхалқии ба номи Бобур, академики Академияи «Дунёи антиқ»-и Олмон Ҳасан Самадович Қудратуллоевро ба сифати донишманд дар Тоҷикистон низ хуб мешинохтанд. Бо олимони тоҷикистонӣ пайваста ҳамкориҳо менамуд.

...Устод зуд-зуд ба идораи «Овози тоҷик» меомаданд, мақолаҳо меоварданд, дар чорабиниҳое, ки рӯзнома мегузаронд, иштирок мекарданд. Дар суҳбате гуфта буданд, ки ним аср инҷониб ин даргоҳ барояшон азиз аст.

**М.ШОДИЕВ**



*Дар кишвари мо ба обутоби ҷисмонии ҷавонон ва фароҳам овардани шароити мусоид ба онҳо эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Ба ин мақсад дар ноҳияи Когони вилояти Бухоро низ як қатор корҳо доир ба рушди инфрасохтори варзиш татбиқ мегарданд.*

*Аз ҷумла, майдони футболе, ки дар маҳаллаи Нурафшон воқеъ гардидааст, дар доираи лоиҳаи «Буҷети ташаббусӣ»-и мавсими дуюми соли 2025 бо малбағи 1 миллиарду 500 миллион сӯм куллан таъмир карда шуд. Дар рафти корҳои таъмир ба 1000 нафар тамошобин курсиҳои нав гузошта шуданд, барои давидан ва гардиш роҳравҳо бунёд гардиданд. Фурӯзонакҳои нав ва нуқтаҳои шуодиҳӣ ба ҳусни майдон афзуданд. Ҳамчунин, ба андозаи 22х44 метр майдони футболи бо майсаи сунъӣ пӯшидашуда ва майдончаи воркаут барпо гардид.*

*Дар ҳоли ҳозир дар ин маскан таҳти роҳбарии 150 нафар мураббӣ муттасил машғулот гузаронда мешавад.*

***Аксбардор: Т.ИСТАДОВ (ӮзА).***

**Дар партави ғамхориҳои роҳбари давлат**

# ТИББИ МУОСИР ДАР ХИДМАТИ ИНСОН

*Бовар дорам, ки шумо, азизон, давомдиҳандагони анъанаҳои неки аҷдоди бузургамон чун Абуалӣ ибни Сино ба савганд, касб ва вазифаи худ содиқ мемонед ва минбаъд низ барои ин кори нек дониш ва таҷрибаи худро сафарбар менамоед.*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.***




Солҳои охир дар кишварамон баробари дигар соҳаҳо ба муассисаҳои тиббӣ низ эътибори махсус зоҳир мегардад. Қарори Президент «Дар бораи чораҳои дастгирӣ кардани кормандони тиббӣ ва корхонаҳои дорусозӣ», аз 9 ноябри соли 2025 тасдиқи ин гуфтаҳо мебошад. Мувофиқи қарор аз моҳи апрели соли ҷорӣ реҷаи вақти кории муассисаҳои давлатии тиббӣ ба низоми панҷрӯза гузаронида мешавад. Минбаъд ҳар сол ба муносибати Рӯзи кормандони тиббӣ (ҳафтаи аввали моҳи ноябр) ходимони соҳа ба андозаи миқдори камтарини музди меҳнат рағбатнок карда мешавад. Ба кормандони тиббие, ки 15 сол собиқаи корӣ доранд, 30 фоизи маблағи қарордоди солонаи фарзандашон, ки дар зинаи бакалавриати муассисаҳои таълими олии кишвар таҳсил мегиранд, пардохта мешавад. Ғайр аз ин боз чандин имтиёзи дигар ба мақсади ҳимояи иҷтимоии кормандон ва фароҳам овардани шароити муносиб барои фаъолияти босамари онҳо пешбинӣ шудаанд.

Маркази миллии тиббии Тошканд аз муассисаҳои тиббии замонавӣ ва инноватсионии Ӯзбекистон буда, дар Осиёи Марказӣ пешқадам ба ҳисоб меравад. Дар марказ шуъбаҳои ҷарроҳӣ, урология, трансплантология, травматология ва ортопедия, гинекология, кардиохирургия, кардиология, стоматология ва ғайра фаъолият дошта, ташхисҳои мураккаб ва амалиёти муолиҷавӣ аз ҷониби мутахассисони соҳибмалака амалӣ мешаванд.

Нигора Пирматова аз шифокорони ҷавони соҳибистеъдод аст. Ӯ соли 1978 дар деҳаи Бурчимуллои ноҳияи Бӯстонлиқ аз оилаи зиёӣ ба дунё омада, таълими умумиро дар мактаби шаҳраки Обигарми ноҳияи Файзободи Тоҷикистон гирифтааст. Зеро солҳои 80-уми қарни гузашта падараш ҳамчун муҳандис ба сохтмони НБО-и Роғун даъват шуда буд. Бинобар вазъи замон оилаи Нигора ба Тошканд кӯч баст. Вай соли 1995 донишҷӯйи Академияи тиббии Тошканд гардида, онро соли 2002 бомуваффақият хатм намуд. Баъди хатми ординатура фаъолияташро дар шуъбаи кардиологияи Академияи номбурда ба ҳайси кардиолог оғоз кард. Аз соли 2024 дар Маркази миллии тиббӣ кор мекунад.

Мо доир ба фаъолияти марказ ва муолиҷаи касалиҳои дил аз тариқи усулҳои замонавӣ бо мудири шуъбаи кардиология ва назорати баъди интервенсионӣ, доктори илмҳои тиб (DSc), Аълочии нигаҳдории тандурустии Ӯзбекистон **Нигора ПИРМАТОВА** суҳбат оростем.

– Маркази мо бисёрсоҳа буда, бо 169 намуди таҷҳизоти ба талаби замон ҷавобгӯ муҷаҳҳаз мебошад. Он бо як қатор кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Олмон, Ҳиндустон, Чин, Туркия, Куриёи Ҷанубӣ ҳамкорӣ дорад. Чанде пеш дар марказ дар самти нейрореаниматсия таҳти роҳбарии мудири шуъбаи реаниматсия, терапияи интенсивӣ ва анестезиологияи шифохонаи Санкт-Петербурги Русия Антон Дюдин сабақи байналхалқии маҳорат гузаронида шуд. Таъмин кардани ёрии босифати тиббӣ ва сари вақт муайян намудани вайроншавии гардиши хуни рагу дил ва майнаи сар – мақсади асосии ин чорабинӣ буд. Алҳол як гурӯҳ мутахассисони мо бо сафари хидматӣ ба клиникаи «International Medical»-и Чин рафта таҷриба меомӯзанд. Ғайр аз ин мутахассисон ба вилоятҳо рафта, таҷрибаи худро ба шифокорони он ҷо меомӯзанд ва ҳамкорӣ мекунанд. Ба қарибӣ трансплантологҳои марказ бо сарварии доктори улуми тиб Ҷасур Собиров ба маркази бисёрсоҳавии Навоӣ рафта, дар вилоят аввалин ҷарроҳии таърихӣ – трансплантатсияи ҷигарро бомуваффақият амалӣ гардонданд. Дар марказ ҳар ҳафта ҳисоботи амалиёти иҷрошуда, маърӯза, фикру мулоҳизаҳои мутахассисон оид ба бемориҳои гуногун ва усулҳои муолиҷаи онҳо шунида мешавад.

**– Дар марказ трансплантатсияи дил гузаронида мешавад?**

– Дар марказ кӯчондан, яъне трансплантатсияи узвҳои гурда, ҷигар амалӣ мешаванд. Онро ҷарроҳони бомаҳорати дар клиникаҳои машҳури дунё таҷрибаандӯхта иҷро мекунанд. То ҳол тақрибан 200 амалиёти трансплантатсияи ҷигар гузаронида шуд. Аз ибтидои соли 2026 зиёда аз 40 ҷарроҳии ҷигар бомуваффақият татбиқ карда шуд. Ду моҳи охир панҷ трансплантатсияи гурдаро гузаронидем. Минбаъд гузаронидани трансплантатсияи дил дар назар аст. Ҷарроҳону кардиологҳои марказ ба ин кор омодаанд, зеро дар шифохонаҳои пешқадами хориҷӣ рафта, ихтисоси худро такмил додаанд.

**– Фаъолияти шумо бо касалиҳои дил марбут аст, хуб мешуд доир ба бемориҳои дил маълумот медодед.**

– Маълум аст, ки дил узви асосии физиологии инсон, чун муҳаррик гардиши хунро дар тамоми бадан таъмин менамояд. Вай узвест, ки шабу рӯз мунтазам метапад, яъне кор мекунад, ҳастии мо аз он вобаста мебошад. Мутаассифона, бинобар сабабҳои гуногун дар дил ҳам ҳолатҳои номуназзам рух медиҳанд ва ба бемори гуногун гирифтор мешавад. Гипертонияи артериалӣ, бемории ишемияи дил, тромбоз, тромбоэмболия, атеросклероз, илтиҳоби миокард, инфаркт, сакта, аритмия, кардиосклероз, кардиомиопатия, гипотензия, дистрофияи миокард ва ғайра аз ҷумлаи касалиҳои дил маҳсуб меёбанд.Ба шуъбаи мо бештар беморон бо ишемияи дил муроҷиат мекунанд. Бемории ишемияи дил – бемории мушакҳои дил аст, ки дар натиҷаи вайрон шудани ҷараёни хун ба вуҷуд меояд. Намудҳои шадид ва музмини ин касалӣ вуҷуд доранд. Инфаркти миокард, стенокардияи ноустувор ва қатъи ногаҳонии дил ба хели шадиди он дохил мешаванд.

**– Аломатҳои ин беморӣ кадомҳоянд?**

– Пайдоиши гаронӣ дар қафаси сина, дарди сӯзишнок, фишор ва таъсири нохуби он ба дасти чап, ҷоғи поён, тарафи чапи гардан ё фосилаи байни китфҳо нишонаҳои хоси бемории ишемияи дил мебошанд. Дард аз сабаби дар артерияи ишемиявӣ дар ҷойи ҷамъшавии холестерин нишонаи атеросклеротикӣ пайдо мешаваду боиси танг шудани раг мегардад, ба вуҷуд меояд. Он дар натиҷаи фаъолияти аз меъёр зиёди ҷисмонӣ, ё аз сабаби стресси шадид сар мезанад. Чун набз муътадил шуд, дард коҳиш меёбад. Ин касалӣ аксар якҷо бо гипертония рух медиҳад.

**– Омилҳои бемориҳои дил кадомҳоянд?**

– Ин ба тарзи ҳаёт алоқаманд аст. Тамокукашӣ, истеъмоли машрубот ва парҳези нодуруст, холестерини зиёд, фишори баланди хун, набудани фаъолияти ҷисмонӣ, фарбеҳӣ, диабет, стресси беназорат, депрессия аз ҷумлаи ин омилҳо мебошанд. Тарзи ҳаёти нишаста, яъне беҳаракатӣ омили хавфноки ин беморӣ ба ҳисоб меравад. Фарбеҳӣ низ аз сабабҳои асосии вайроншавии фаъолияти дил мебошад.

**– Оё бляшҳоеро, ки рагҳоро фаро мегиранду бештар боиси сактаи дилу инфаркт мешаванд, илоҷи маҳлул кардану берун овардан ҳаст?**

– Ягон маҳсулоти хӯроквори ё дору қобилияти маҳлулкунӣ ва ё хориҷ кардани бляшро надоранд, аммо парҳези дуруст метавонад афзоиши онро суст кунад. 80 фоиз холестерини зичиаш пастро ҷигари худи мо синтез мекунад. Дар ин бобат ирсият нақши муҳим дорад. 20 фоизи боқимондаи ин холестерин аз хӯрок (гӯшт, ҳасиб, тухм, майонез ва ғайра) ҳосил мешавад. Муроҷиати саривақтӣ ба шифокор ва тағйир додани тарзи зиндагӣ метавонанд ба пешгирии мушкилоте, чун инфаркти миокард, ки аз сабаби басташавии пурраи рагҳо ё пайдоиши тромб дар сатҳи лавҳа пайдо мешавад, кӯмак расонанд. Мутаассифона, то ҳол ягон навъи табобат ё доруҳои мушаххас, ки бляшро безарар кунанд, кашф нашудааст. Бемории мазкур як ҳолати музмин аст ва ба табобати комили он кафолат нест, аммо онро назорат кардан имконпазир аст.

**– Пас муолиҷаи ин беморӣ чӣ тавр сурат мегирад?**

– Муолиҷаи замонавии бемории ишемӣ – стентгузорӣ мебошад. Ба ҷойи бляши варамида стент гузошта мешавад. Он спирали махсусест, ки аввал ба риштаи раг тавассути сими роҳнамо ворид намуда, сипас бо пуфаки махсус пур карда мешавад. Спирал риштаи рагро васеъ мекунад, дар натиҷа ҷараёни хун барқарор мешавад. Агар ҷарроҳӣ мувофиқи нишондод анҷом пазирад, сифати зиндагӣ ба дараҷаи назаррас беҳтар мешавад ва хатари марг аз бемориҳои дилу раг кам мешавад, ҳарчанд он кафолати сиҳатии комил нест. Баъди ҳамагуна ҷарроҳии дил беморон бояд дар шуъбаи кардиология ва назорати баъди интервенсионӣ муолиҷаи худро давом диҳанд. Дар ин ҷо фишори хуни бемор таҳти назорат гирифта, гипертония (агар мавҷуд бошад) табобат карда мешавад. Пас аз амалиёти ҷарроҳӣ ба беморон батамом даст кашидан аз тамокукашӣ, муҳимияти идоракунии вазн таъкид мегардад, бештар дар ҳаракат будан тавсия карда мешавад.

**– Ба онҳое, ки ба ин тарзи муолиҷа имкон надоранд, боз кадом навъи табобат тавсия мешавад?**

– Духтур доруҳоеро таъин мекунад, ки афзоиши минбаъдаи бемориро пешгирӣ мекунад. Доруҳо танҳо дар сурате, ки шахс аллакай бо ин беморӣ ташхис шудааст, пешниҳод мешаванд. Ба мизоҷони бемории артерияи ишемӣ доруҳое, ки суръати заифшавии дилро кам, лахташавии хунро пешгирӣ мекунанд, синтези холестеринро дар ҷигар коҳиш медиҳанд, ҳамчунин доруҳое, ки фишори хунро паст мекунанд, таъин карда мешаванд. Мо ба сифати мутахассис маслиҳат медиҳем, ки гирифторони бемории дил ба парҳез риоя кунанд. Бештар сабзавот, мева, маҳсулоти баҳрии равғанӣ, аз ҷумла моҳии консервшуда, гӯшти парранда, чормағз, ғалладонагиҳоро истеъмол кунанд. Парҳез бояд мутавозин, мӯътадил ва гуногунранг бошад. Ҳар рӯз камаш панҷ маротиба сабзавот хӯранд. Ин тақрибан 400–500 грамм аст, ки истеъмоли якдафъаинааш тақрибан ба андозаи мушти даст мебошад. Сабзавотро бо шӯрбо истифода бурдан низ муфид аст. Ҳамаи сабзавот ва меваҳои сабзу сурх ва норанҷӣ ба тарзи худ фоиданоканд. Худдорӣ аз асабоният, ба ҳаёти бознишастагӣ нуқта гузоштан, бештар дар ҳавои тоза сайр кардан хеле муҳим мебошад. 80 фоизи бемориҳои паҳншудаи дилро бо ғизои дуруст, фаъолияти ҷисмонӣ, даст кашидан аз одатҳои бад ва муоинаҳои профилактикӣ метавон пешгирӣ кард.

Суҳбаторо

**Гулҷаҳон КАБИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**


Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-328.
Адади нашр 2071. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 04.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.